# 106528 - Ҳадиси (Хоби рӯзадор ибодат аст) заиф мебошад

**савол**

Яке аз хатибон (воизон)-ро шунидам, ки ҳадисеро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) зикр мекард: (Хоби рӯзадор ибодат аст). Оё ин ҳадис саҳеҳ аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин ҳадис саҳеҳ нест, аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит нашудааст.

Байҳақӣ дар "Шуабу-л-имон" (3/1437) аз Абдуллоҳ ибни Абуавфо (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Хоби рӯзадор ибодат, сукути ӯ тасбеҳ, дуояш қабул ва (савоби) амалаш дучандон аст».**

Байҳақӣ санади ин ҳадисро заиф дониста, гуфтааст: Маъруф ибни Ҳассон (яке аз ровиёни ҳадис) заиф аст ва Сулаймон ибни Амри Нахаӣ аз ӯ заифтар аст. Ироқӣ дар "Тахриҷу эҳёи улуми-д-дин" (1/310) гуфтааст: Сулаймони Нахаӣ яке аз дурӯғгӯён аст. Муновӣ ӯро дар "Файзу-л-қадир" (9293) заиф донистааст. Албанӣ онро дар "Силсилату-л-аҳодиси-з-заифа" (4696) зикр карда, гуфтааст: (Ин ҳадис) заиф аст.

Бар мусулмонон ба таври умум ва бар хатибону воизон махсусан воҷиб аст, ки пеш аз он ки ҳадисро ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нисбат диҳанд, таҳқиқу баррасӣ кунанд. Ба паёмбар нисбат додани сухане, ки нагуфтааст, ҷоиз нест. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Дурӯғ бастан бар ман мисли дурӯғ бастан ба дигарон нест. Касе, ки огоҳона бар ман дурӯғ бибандад, пас ҷойгоҳи худро дар оташи дӯзах омода кунад».** Ривояти Бухорӣ (1391) ва Муслим дар "Муқаддимату-с-саҳиҳ"-и худ (4).

Аллоҳ донотар аст.